# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович ба масъалаи муҳим ва мубрами рушди боғдорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он хусусиятҳои агроэкологии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғара мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф бо истинод ба барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва тавсияҳои мақомоти марбута асоснок менамояд, ки интихоби навъҳои мутобиқ ба шароити иқлимию хокӣ ва дорои нишондодҳои баланди иқтисодиву биологӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Дар автореферат додаҳои пурраи илмӣ оид ба:

– гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои олу,

– нишондиҳандаҳои биоморфологӣ,

– мутобиқшавӣ ба омилҳои абиотикӣ,

– дараҷаи сироятёбӣ аз касалиҳои занбӯруғӣ ва зараррасонҳо,

– ҳосилнокӣ ва вазни миёнаи мева,

– таркиби биохимиявии мева,

– самаранокии иқтисодии навъҳо,

бо усулҳои муосири таҳлил, аз ҷумла истифодаи барномаҳои Microsoft Excel ва методикаи Доспехов таҳлил шудаанд.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро бо далелҳои рақамӣ исбот намуда, возеҳ нишон додааст, ки навъҳои “Блю фри”, “Кабардинская ранняя” ва “Стенлей” аз рӯйи ҳосилнокӣ, мутобиқшавии экологӣ ва арзиши хоҷагидорӣ бартарӣ доранд. Барои “Блю фри” нишондиҳандаи ҳосилнокӣ ба ҳисоби миёна 31,3 кг/дарахт ва то 15,4 т/га мебошад, ки нисбат ба навъи назоратӣ “Анна Шпет” ба маротиб зиёдтар аст.

Матни автореферат сохтори илмии зарурӣ дошта, аз нуқтаи назари услуб, мантиқ ва пайдарҳамӣ ба талаботи КОА мутобиқат менамояд. Далелҳои овардашуда дорои эътимоднокии баланд буда, натиҷаҳои илмӣ дар конфронсу маҷаллаҳои илмӣ ва дар таҷрибаи истеҳсолии Кооперативи “Сомонҷон” татбиқи амалӣ ёфтаанд.

Бахши навгониҳои илмӣ дар автореферат бо мазмунҳои возеҳ пешниҳод шуда, исбот менамояд, ки Фозилов Ҷ.Д. дар соҳаи селексия ва омӯхтани хусусиятҳои агроэкологии навъҳои мевадиҳанда саҳми воқеӣ гузоштааст, ки натиҷаҳои он барои рушди минбаъдаи боғпарварӣ дар минтақаҳои гарм ва хушк аҳамияти амалӣ доранд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Омӯзгори калони кафедраи
агротехнология ва экологияи саноат,
номзади илмҳои кишоварзӣ дар
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Бобокалонов Ф.М.

Суроға: 735700, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 28,
бинои 3А, ҳуҷраи 32

Имзои Бобокалонов Ф.М. - ро
тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати иҷрои ДПДТТХ Юсупова М.Ш.
01.12.2025

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТИ ИҶРО

Суроға: 735700, ш.Хуҷанд, к. И.Сомонӣ 226
Тел.: +992342260454, E-Mail: info@polytech.tj